# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷиёнзода Зулфия дар мавуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)**

Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар раванди таълимӣ яке аз шаклҳои нави ҳамкориҳои байни донишҷӯён ва омӯзгорон мебошад. Ин шакли ҳамкорӣ бо хоҳиши ҳарду ҷониб барои васеъ кардани имконоти дарс ва ҳамгироии унсурҳои таҳсили фосилавӣ ба раванди таълими вақти муайян муқаррар карда мешавад.

Технологияҳои муосир ба муассисаҳои таълимӣ имкониятҳои қаблан нодирро фароҳам меоранд. Синфҳои виртуалӣ, платформаҳои интерактивӣ ва барномаҳои мобилӣ дар дасти омӯзгорон абзорҳои ҷудонашаванда мешаванд. Онҳо на танҳо ба беҳтар шудани азхудкунии мавод, балки ба рушди тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва малакаҳои ҳамкорӣ дар байни донишҷӯён мусоидат мекунанд.

Дар рисолаи пешниҳодшуда андешаҳо оид ба масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъият ва хусусиятҳои мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ баён шудааст.

Асоси таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони ватанию хориҷӣ оид ба хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои инноватсионӣ ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯй дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Диссертант мавзуеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки муҳим ва мубрам аст, зеро аз муассисаҳои таълимӣ сар карда, ба ҳаёт омода намудани насли ҷавон кафолати рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ таъмин намуда, ин арзиши иҷтимоии миллӣ ва умумибашариро дар замири худ парвариш менамояд.

Бояд қайд кард, ки муҳақиқ бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва кор ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст.

Падидаи **навгонӣ** ва бозёфти рисола ба он арзёбӣ мегардад, ки натиҷаҳои дар рисолаи илмӣ ба дастомада бештар нуктаҳои илмӣ ба ҳисоб рафта, ҷанбаи назариявию амалии кори илмӣ, махсусан фарзияи

илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро инъикос мекунанд. Аз ҷумла:

- амсилаи мушаххасгардонии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар асоси таҳлили омилҳои беруна ва дохилӣ таҳия гардида, амали муштараки омилҳоеро инъикос менамояд, ки раванди таълимиро мукаммал месозанд.

- дастгоҳи илмии таҳқиқот дақиқ карда шуда, таърифҳои муаллифии мафҳумҳои калидӣ дар заминаи дигаргуниҳо ва пешравиҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дода шуданд: «диалектикаи анъанаҳо ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф», «фарҳанги инноватсионӣ», «принсипи фарҳангмувофиқии тарбия», «шахсияти донишҷӯён» ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ «Тамоюли худмубрамсозӣ» «Фарҳанги инноватсионии педагогӣ», «Нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ», «Мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» ва ғайра ба шакл даровардa шуд.

- асосҳои педагогии хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ошкор ва муайян карда шуданд: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба иннватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулият, ки ба таври мақсаднок дар амалигардонии ҷузъҳои арзишӣ-маъноӣ ва технологии таҳсилоти олии касбӣ рушд меёбанд.

- консепсияи идоракунии педагогии фаъолияти донишҷӯён ҳамчун барандагони инноватсия дар асоси назарияи мубрамсозии шахсият таҳия шудааст. Ғояҳои асосӣ бо омилҳое муайян шуданд, ки рушди шахсиятро муайян карда, мазмуни онҳоро асосҳои методологӣ, назариявӣ ва амалии идоракунӣ ташкил медиҳанд.

- меъёри арзёбии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, ки барои муайян кардани дараҷаи омодагии онҳо ба қабул ва эҷоди навовариҳо пешбинӣ шуда, аз се сатҳ паст, миёна ва баланд иборат аст, коркард карда шудааст. Ин меъёрҳо имкон медиҳанд, ки дараҷаи рушди салоҳияти инноватсионии донишҷӯён ба таври объективӣ баҳогузорӣ гардад ва барои такмили раванди таълим ва омодасозии онҳо ба фаъолияти инноватсионӣ тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда шаванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**.

- натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ ва роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳияи барномаҳои асосии касбии таҳсилотӣ ва барномаҳои корӣ дар соҳаи маориф мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

- истифодаи амсилаҳои пешниҳодшуда зимни мутобиқ кардани онҳо ба шароити ҳар гуна муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои мубрамсозии бомуваффақияти хислатҳои шахсии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ самаранок мебошад.

- тавсияҳои зерин таҳия карда шуданд: оид ба идоракунии нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти оли касбӣ ҷиҳати мубрамсозии

бомуваффақияти хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ; оид ба низоми такмили ихтисоси ҳайати профессорӣ-омӯзгорӣ; оид ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии педагогӣ дар раванди таҳсилотӣ; оид ба тартиб додани маҷмуи воситаҳои ҳавасмандгардонӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён.

- тавсияҳооид ба таҳқиқ ва такмили фарҳанги муштараки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шуданд, ки аз ҷониби ҳамаи субъектҳои раванди таҳсилотӣ азхуд карда мешаванд.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асоснок шуда, дастгоҳи илмии таҳқиқот муайян, мақсаду вазифаҳо ва фарзияи кор таҳия, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳо ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мухтасар ва амиқ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявӣ-методологии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» назарияҳо оид ба анъанаҳо ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва таҳсилот таҳлил гаштаанд, инчунин технологияҳои муосир ҳамчун қисмати фарҳанг ва таҳсилот баррасӣ гардидаанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия** «Муайян намудани шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» асосҳои илмӣ, ғояҳои асосӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди татбиқгардии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ баррасӣ гардидааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия** «Татбиқи шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст. Асосан натиҷаи таҳқиқоти мазкурро амсилаи педагогие дар бар мегирад, ки ба рушди зарфияти инноватсионии ҳар як донишҷӯ равона гардидааст. Амсила хусусиятҳои инфиродӣ ва эҳтиёҷоти донишҷӯён ва вижагиҳои муҳити таълимиро ба эътибор мегирад.

Дар кори илмӣ-таҳқиқотии диссертант нуктаҳои назари илмӣ-методологӣ ва асосҳои назариявии тарроҳии технологияҳои ба ташаккули муносибати арзишнок нисбат ба фарҳанги инноватсионӣ нигаронидашуда муайян карда шудааст. Тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант такмили раванди мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсиониро таъмин мекунад.

Аз таҳлили кори таҳқиқотӣ маълум мегардад, ки довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст.

Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ мебошад ва муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи муаллиф мазмуни таҳқиқотро инъикос мекунад.

Натиҷаҳои ба дастомадаи муҳаққиқ, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию – методӣ дар кори илми таҳқиқотӣ асоснок карда шудаанд.

Вале барои боз ҳам беҳтар гардидани мазмуну муҳтавои кори таҳқиқотӣ баъзе тавсияҳои хешро пешниҳод менамоям:

1. Хуб мешуд, ки дар кори таҳқиқотӣ иқтибосҳо аз таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ бештар оварда мешуд.
2. Дар кори таҳқиқотӣ баъзе ғалатҳои техникӣ мушоҳида мегардад, киислоҳи онҳо зарур мебошад.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Ҷиёнзода Зулфия дар мавуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) ба талабот КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забони
олмонии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Сайфуллоев Хайрулло Ғайбуллоевич

Имзои Сайфуллоев Хайрулло Ғайбуллоевичро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Кодирзода С. М.

**Маълумот барои тамос:** 734003, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, хиёбони А. Рӯдакӣ, 121. Тел: +992 (37) 2244383; Email: tgpu@mail.ru.
Сомона: www. tgpu.tj.

12.06.2026